ҚАРОРИ
шурои диссертатсионии 6D.KOA-085
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

аз 14-уми августи соли 2026 шаҳри Душанбе

Суханронии Раҳматзода Шаҳобуддин Зувайдулло дар мавзуи «Асосноксозии мушаххасотҳо ва реҷаҳои кории мошинолоти муштараки КМИС-1,8 барои коркарди хок дар боғҳои интенсивӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D072412-Технология ва васоити механиконии кишоварзӣ, тақризи муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, суханронии муқарризони расмӣ Ғафорзода Абдулазиз Абдуллофиз – доктори илмҳои техникӣ, котиби илмии шуъбаи илмҳои физикаю математика, химия, геология ва техникии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Рузимуродов Абдугафор Абдусаторович – номзади илмҳои техникӣ, декани факултети иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионии Донишкадаи байналмилалии Леваканти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: доктори илмҳои техникӣ, профессор Ахунов Тахир Имяминович; доктори илмҳои техникӣ Буҳодуров Шукрулло Бурхонович; номзади илмҳои техникӣ, дотсент Мирзозода Шамсулло Изат; доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Носиров Раҳимбекро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Раҳматзода Шаҳобуддин Зувайдулло.

ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Раҳматзода Шаҳобуддин Зувайдулло дар мавзуи «Асосноксозии мушаххасотҳо ва реҷаҳои кории мошинолоти муштараки КМИС-1,8 барои коркарди хок дар боғҳои интенсивӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D072412-Технология ва васоити механиконии кишоварзӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Маводди илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба Раҳматзода Шаҳобуддин Зувайдулло дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D072412-Технология ва васоити механикони кишоварзӣ дода шавад.

4. Барои додани дипломи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос ба Раҳматзода Шаҳобуддин Зувайдулло аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор - 9 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои техникӣ Аҳмадзода Б.Р.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои техникӣ, дотсент Бобозода Б.Б.

Имзоҳои Аҳмадзода Б.Р. ва Бобозода Б.Б. ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Курбонзода А. Х.
14-уми августи соли 2026